*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 62 (4802) | ҶУМЪА, 17 МАЙИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО КРИСТАЛИНА ГЕОРГИЕВА

**16-уми майи соли 2024 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Директори идории Хазинаи байналмилалии асъор хонум Кристалина Георгиеваро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар рафти мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистону Хазинаи байналмилалии асъор баррасӣ шуд.

- Мо саҳми Хазинаи байналмилалии асъорро дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишварамон қадр менамоем, - таъкид доштанд дар оғози мулоқот Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо оид ба ҳамкорӣ дар самтҳои пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ, нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ, дастгирии тавозуни пардохт, таъмини устувории захираҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум табодули андеша карданд.

Роҳҳои тобовар намудани иқтисоди Тоҷикистон ба таъсири манфии омилҳои беруна, аз ҷумла шиддати хавфҳои геосиёсӣ, нооромиҳои минтақавӣ ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим, аз мавзуъҳои муҳими суҳбат буд.

Барои устувории рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва беҳбуди фазои сармоягузорӣ дар кишвари мо идомаи ислоҳоти иқтисодӣ ва ҷудо намудани маблағҳои грантӣ зарур шуморида шуд.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба густариши ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар соҳаҳои судовари саноат, кишоварзӣ, энергетика ва тақвияти неруи инсонӣ андешаронӣ карданд.

Дар вохӯрӣ дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо низ муҳокима гардиданд.





## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**17-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Дар оғози суҳбат Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаевро ба муносибати зодрӯзашон самимона табрик гуфта, ба ӯ дар татбиқи ҳадафу нақшаҳои бар нафъи мардуми бародари Қазоқистон муайянкардаашон муваффақиятҳои бузург орзу намуданд.

Пешвои миллат ҷараёни инкишофи босуръати муносибатҳои ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистонро, ки ба туфайли талошҳои муштарак ба сатҳи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ расидаанд, зикр карданд. Ҳамзамон, саҳми муҳими Президенти Қазоқистон дар пешбурди пайвастаи ин раванд таъкид гардид.

Ҷонибҳо атрофи масъалаҳои алоҳидаи рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор анҷом дода, барномаи вохӯриҳои дарпешистодаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар сатҳи олӣ баррасӣ намуданд.

**www.prezident.tj**

## ПРОКУРОРҲОИ ГЕНЕРАЛИИ КИШВАРҲОИ АЪЗОИ СҲИ ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**16-уми майи соли ҷорӣ дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон прокурорҳои генералӣ ва роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодиро, ки барои иштирок дар нишасти прокуратураҳои генералии кишварҳои аъзои СҲИ ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, ба ҳузур пазируфтанд.**

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст меҳмононро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, ба кори ҷаласаашон комёбӣ орзу карданд.

Зимни суханрониашон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари таъкиди таваҷҷуҳи пайвастаи Тоҷикистон ба ҳамкорӣ дар доираи Созмони ҳамкории иқтисодӣ, дар робита ба саҳми арзандаи кишварҳои аъзои СҲИ дар самтҳои муҳими фаъолияти ин созмон андешаронӣ намуданд.

- Мо ҳамеша таъкид мекунем, ки сулҳу субот дар минтақаи СҲИ (ЭКО) омили калидӣ барои расидан ба ҳадафи аслии СҲИ, яъне рушду нумӯи иқтисодӣ ва некӯаҳволии мардум, аст, - изҳор доштанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Сарвари давлат, ҳамзамон, аз иқтидорҳои фарохи иқтисодӣ дар доираи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ёдовар шуда, нақши мақомоти прокуратураро дар иҷрои вазифаҳои бағоят пурмасъули назорати риояи иҷрои қонунҳо ва дар ин замина, таъмини волоияти қонун, ҳимояи соҳибихтиёрӣ, истиқлолият, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, арзишҳои демократӣ ва манфиатҳои давлату ҷомеа таъкид намуданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазъи мураккаби сиёсии ҷаҳон, афзоиши таҳдидҳо ба амнияти кишварҳо, оқибатҳои фалокатбори терроризм, зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароии сиёсию динӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, ҳамчунин, амалҳои тахрибкоронаи ҳаракатҳои иртиҷоӣ тамаркуз намуда, идомаи ҳамкориҳои ҳамгироёнаи кишварҳои аъзои СҲИ, бахусус мақомоти соҳавии онҳоро зарур шумориданд.

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки дар муқовимат ба ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, аз ҷумла қочоқи маводи мухаддиру силоҳ ва киберҷиноятҳо, Тоҷикистон шарики табиии ҳамаи кишварҳо мебошад.

Дар мулоқот бори дигар омодагии Тоҷикистон ҷиҳати тақвияти ҳамкории ҳуқуқӣ бо ҳамаи кишварҳои дӯст мавриди зикр қарор гирифт.

Дар фарҷом изҳори умед карда шуд, ки аз рӯи натиҷаҳои вохӯрӣ дар Душанбе оид ба рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини қонуният, амният ва субот дар кишварҳо, ки дар навбати худ ба тавсеаи беш аз пеши робитаҳои иқтисодии кишварҳои аъзои СҲИ (ЭКО) мусоидат менамоянд, қарорҳои муҳим қабул хоҳанд гардид.

Дар мулоқот, ҳамчунин, прокурори генералии Подшоҳии Арабистони Саудӣ Сауд ибни Абдуллоҳ Ал-Муъҷиб, ки ба ҳайси меҳмон даъват шудааст, ҳузур дошт.

**www.prezident.tj**

## СУҲБАТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО КРИСТАЛИНА ГЕОРГИЕВА



**16-уми майи соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Директори идории Хазинаи байналмилалии асъор хонум Кристалина Георгиева мулоқот намуданд.**

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба роҳбарияти Хазинаи байналмилалии асъор барои ҳамкориҳои пайваста изҳори сипос карда, кумаку дастгириҳои ин ниҳодро дар амалисозии барномаҳои мухталиф доир ба татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардуми кишвар, бахусус дар давраи бемории сироятии COVID - 19, муҳим арзёбӣ намуданд.

Зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳоро бо Хазинаи байналмилалии асъор ҷиҳати амалисозии минбаъдаи ислоҳоти иқтисодӣ ва тараққиёти бомароми кишвар зарур мешуморад.

Мусоидат ба таъмини суботи молиявӣ, таҳкими низоми бонкӣ, дастгирии лоиҳаҳое, ки ба ташаккули «иқтисоди сабз», густариши рақамикунонӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва обу иқлим равона шудаанд, аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои минбаъда номида шуд.

Дар рафти суҳбат ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мубодилаи афкор намуданд.

**www.majmilli.tj**

## РАМЗИ РӮЗИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ ТАСДИҚ ГАРДИД




**Рамзи Рӯзи ҷаҳонии футбол, ки минбаъд ҳамасола 25-уми май таҷлил карда мешавад, тасдиқ гардид. Ба ин муносибат, аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе рӯзи 25-уми май бахшида ба Рӯзи ҷаҳонии футбол фестивал баргузор мегардад.**

Мавриди зикр аст, ки Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ баҳри тавсеа ва рушду инкишофи футболи тоҷик азму талош ва кӯшишҳои зиёде намуданд ва воқеан ҳам, ин кӯшишҳои хастанопазири муҳтарам Рустами Эмомалӣ самараи нек ба бор овард.

Ба хотир меорем, ки чанде қабл Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бори нахуст ба Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод намуданд, ки нақши муҳими футбол дар сатҳи ҷаҳонӣ дарк ва пазируфта шуда, бо қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи умумии СММ расман «Рӯзи ҷаҳонии футбол», эълон гардад. Дар пешниҳоди Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба СММ 9-уми феврали соли 2024, аз ҷумла, чунин таъкид гардида буд: «Мардуми сайёраи Замин бештар аз якуним қарн аст, ки ба футбол машғуланд ва ин бозӣ аз замони пайдоиш то кунун як вазифа ва як ҳадаф дорад, ки он ба ҳам овардани инсонҳо мебошад. Маълум аст, ки футбол дар баъзе кишварҳо ҳамчун варзиш маъруф аст, вале он танҳо як бозӣ нест. Ин намуди варзиш як падидаи фарҳанги умумиҷаҳонист, ки марзҳои миллӣ, монеаҳои забонӣ ва тафовутҳои иҷтимоию иқтисодиро убур мекунад. Ин як варзишест, ки ҷаҳонро муттаҳид месозад ва ба забони универсалӣ сухан мегӯяд, ки ба ҳамагон маълум аст, яъне аз кӯчаҳои пур аз мухлиси шаҳрҳои бузург сар карда, то деҳаҳои дурдасттарини ҷаҳон футболро мешиносанду бозӣ мекунанд. Бо назардошти ин пешниҳод дорам, ки нақши футболро дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф намуда, дар СММ аз тариқи қабули Қатъномаи махсуси Маҷмаи умумии СММ «Рӯзи ҷаҳонии футбол», расман эълон гардад...».

Боиси дастгирӣ ва ифтихору сарбаландии ҳамагон гардид, ки рӯзи 7-уми май Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаро дар бораи эълон намудани Рӯзи ҷаҳонии футбол, ки аз ҷониби Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ пешниҳод гардида буд, қабул намуд.

Ин рӯйдоди фараҳбахши таърихӣ, ки дар кишварамон теъдоди ҳаводорону ихлосмандони бозии футбол ҳамасола дар ҳоли афзоиш аст, як ҳамовозии беназири гарму самимиро ба миён овард.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

# БАРРАСИИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ

**15-уми майи соли 2024 муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ дар доираи Форуми занони Осиё дар шаҳри Самарқанд бо Раиси Сенати Олий Мажлиси Ӯзбекистон Танзила Нарбоева мулоқот анҷом дод.**



Зимни мулоқот ҷонибҳо таъкид намуданд, ки дар натиҷаи дӯстии самимӣ ва ҳамкориҳои ҳар ду кишвар бисёр соҳаҳо, бахусус муносибатҳои байнипарлумонӣ, инкишоф ёфта, ба сатҳи нав баромад.

Мавсума Муинӣ, ҳамчунин, аҳамият ва нақши Форуми занони Осиёро таъкид намуда, изҳори умед кард, ки масъалаҳои баррасишуда дар ин ҷамъомад барои таҳияи қарорҳои самаранок дастури амали давлатҳо хоҳанд шуд.

Илова бар ин, ҷонибҳо ба густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ бар пояи шабоҳати анъана ва расму оинҳои мардуми ҳар ду кишвар таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Махсусан, қайд карда шуд, ки ин омил дар навбати худ воситаи муҳими баҳамоии боз ҳам ба ҳам наздик шудани халқҳои тоҷик ва ӯзбек мегардад.

**15-уми майи соли 2024 дар ҳошияи Форуми занони Осиё мулоқоти муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ бо Раиси Палатаи қонунгузории Олий Мажлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Нуриддин Исмоилов баргузор гардид.**



- Анҷумане, ки дар Самарқанд дар сатҳи баланд ташкил шуд, на танҳо аз Тоҷикистону Ӯзбекистон, балки аз тамоми кишварҳои Осиё занони пешқадамро гирд оварда, як минбари муҳими табодули таҷрибаи пешқадам дар самти баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа гардид, - гуфт Мавсума Муинӣ зимни мулоқот.

Мавсума Муинӣ, ҳамчунин, ба равобити Тоҷикистону Ӯзбекистон таваҷҷуҳ намуда, таъкид дошт, ки ба шарофати эътимоди мутақобила ва иродаи қавии сиёсии раҳбарони ҳар ду кишвар ҳамкориҳои дуҷонибаи мо беш аз пеш густариш ёфта истодаанд.

**Худи ҳамон рӯз, ҳамчунин, Мавсума Муинӣ бо муовини Раиси Маҷлиси Шурои Давлати Қатар хонум Ҳамда бинт Ҳассан Ал-Сулайтӣ мулоқот намуд.**



Дар мулоқот таъкид карда шуд, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои пурмаҳсулу судманд бо кишвари Қатар таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд, зеро робитаҳои парлумонӣ дар фароҳам овардани заминаҳои қонунӣ барои тавсеаи равобити ҳар ду кишвар дар ҳавзаҳои мухталиф нақши муҳим доранд.

- Парлумонҳои мо метавонанд аз тариқи тасвиби созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ ба тавсеаи равобити Тоҷикистону Қатар нақши муассир гузоранд. Гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ метавонанд ҳамчун омили тақвиятгари дӯстию ҳамкорӣ миёни ҳар ду кишвар хизмат намоянд. Боиси ифтихор аст, ки Тоҷикистону Қатарро арзишҳои волои фарҳангию таърихӣ ва тамаддунӣ ба ҳам мепайванданд. Мо ба ояндаи ҳамкориҳои созандаи байни кишварҳоямон назари нек дорем ва омодаем, ки ҷиҳати рушду тавсеаи онҳо дар ҳамаи бахшҳо пайгирона талош варзем, - гуфт дар интиҳо Мавсума Муинӣ.

Дар вохӯрӣ танзими сафарҳои гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ ба кишварҳои ҳамдигар ва табодули таҷриба ҷиҳати таҳкими бештари ҳамкориҳо зарур шуморида шуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМОҶТ**

# НОҲИЯБАНДИИ ИҚТИСОДӢ САМАРОВАР АСТ, ЗЕРО...

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба пешрафти иқтисодиёти кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Аз ин рӯ, дар солҳои истиқлолияти давлатӣ иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба пешравиҳои беназир ноил шуда, мақому манзалати кишвари мо дар миқёси байналмилалӣ баланд гардид.**







Бо ташаббуси Пешвои миллат аз солҳои аввали замони соҳибистиқлолӣ дар мамлакат бунёдкорию созандагӣ шурӯъ гардида,ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ амалӣ шуд ва дар ин самт як қатор стратегия ва барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки бо роҳи амалӣ кардани стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба дастовардҳои бузург ноил гардад. Паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз 81 фоизи соли 1999 то 26,3 фоиз, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат, таъсиси ҷойҳои кории нав ва марҳила ба марҳила зиёд гардидани маош ва ғайра аз ҳамон ҷумлаанд. Ҳоло бо ҳидояту дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати боз ҳам вусъат бахшидани корҳои созандагӣ, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030» мавриди амал қарор дорад.

Нишондиҳандаҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки рӯз ба рӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳу сифати зиндагии мардум хубтару беҳтар мегардад.

Ҷавҳару меҳвари сиёсати иҷтимоии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, кам кардани сатҳи бекорӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, моро мебояд, ки беш аз пеш сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар саҳм гузорем.

Бояд гуфт, ки барои тараққиёту шукуфоии бештари ҷумҳурӣ ноҳиябандии иқтисодӣ аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад ва аҳамияти хоса дорад. Он, пеш аз ҳама, роҳбарӣ ва идора кардани қаламрави кишварро осон менамояд, робитаи иқтисодии қисмҳои алоҳидаи мамлакатро муқаррар менамояд. Асоси ноҳиябандии кишварро тақсимоти минтақавии меҳнат ташкил менамояд. Ноҳиябандии иқтисодӣ яке аз масъалаҳои асосии тадқиқотии географияи иқтисодӣ ба шумор меравад.

Барои саҳми ноҳияҳои иқтисодии кишварро дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ муайян кардан тадқиқоти пурраи ҳамаҷониба гузаронидан лозим аст.

Ноҳияҳои иқтисодии Тоҷикистон инҳоянд: Суғд, Ҳисор, Рашт, Вахш, Кӯлоб ва Бадахшон. Дар ин матлаб саҳми ноҳияи иқтисодии Рашт мавриди назар аст. Ноҳияи иқтисодии Рашт шаҳракҳои Ғарм, Навобод ва ноҳияҳои маъмурии Рашт, Тоҷикобод, Сангвор, Нуробод ва Лахшро дар бар мегирад. Масоҳати ноҳия 17,1 ҳазор километри мураббаъ буда, аҳолиаш 323,1 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ноҳия дар водие воқеъ аст, ки бо қаторкӯҳҳои сарбафалак ҷудо шудаанд. То замони ҳокимияти шуравӣ тавассути пайроҳаҳои кӯҳии танг алоқаҳои иқтисодӣ барқарор гашта, дар ноҳия асосан ғаллакорӣ ва чорводорӣ вуҷуд дошт.

Масоҳати он 14255,4 ҳазор гектар, аз ҷумла замини кишт - 891,1, марғзору чарогоҳ - 2918,2 ва ҷангалзор 349,1 ҳазор гектарро ташкил мекунад.

Кони ангишти Назарайлоқ, ки дар баландии 3200-4000 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардидааст, манбаи ашёи хоми пурқимати (антратсид) саноатӣ мебошад. Захираи тахминии ин кон 500 млн. тонна арзёбӣ шудааст. Хокистари таркиби ангишти он ҳамагӣ 3-4 фоизро ташкил мекунад, ки соли 1987 аз тарафи Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти химиявии канданиҳои сӯзандаи шаҳри Свердловски Федератсияи Россия муайян шуда буд. Ангишти Назарайлоқ антратситҳои камхокистар ва майдадона буда, дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҳамто надорад ва барои истеҳсоли маҳсулоти ангиштдори баландсифат ашёи хоми технологӣ ба ҳисоб меравад.

Кони ангишти Миёнаду 46 км дуртар аз шимолу шарқии маркази ноҳияи Сангвор, дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Пётри I ҷойгир шуда, аз 7 қабати ангишт иборат аст, ки захираи геологии он 635 млн. тонна мебошад.

Кони сиенити нифелинии Турпӣ, ки дар водии дарёи Ясмани ноҳияи Рашт воқеъ аст, дар оянда пойгоҳи боэътимоди ашёи хоми саноати алюминӣ дар ҷумҳурӣ шуда метавонад.

Дар ҳавзаи дарёи Ярхич ва дар нишебии шарқӣ, шимолу шарқии қаторкӯҳи Пётри I маъдани оҳан, магнитит ва маъдани абрақдор ёфт шудааст.

Минтақаҳои асосии тилло дар ноҳия ҳавзаи дарёи Муғсу, болооби дарёи Оби Хингоб, қаторкӯҳи Пётри I ва Дарвоз ба ҳисоб мераванд. Дар қисмати шарқии қаторкӯҳи Пётри I маъдани мис, сулфит ва пайвастагиҳои оксид, инчунин, мис дар ҳавзаи дарёи Ярхич ва нишебии дарёи Оби Хингоб дар ағбаи Ёфуч мавҷуд аст.

Дар солҳои ҳокимияти шуравӣ, баъд аз сохтмони роҳи автомобилгард, иқтисодиёти ноҳия босуръат боло рафт. Аҳолӣ асосан ба деҳқонӣ ва чорводорӣ машғул мебошад. Шароити табиӣ ва иқлим, инчунин, мавҷудияти қувваи корӣ ба инкишофи картошкапарварӣ (ҳосилнокиаш 300 с/га), боғдорӣ ва ғаллакории лалмӣ мусоидат мекунад. Ҳоло ноҳияи иқтисодии Рашт дар ҷумҳурӣ яке аз истеҳсолкунандагони асосии картошка мебошад.

Солҳои охир дар ноҳия ба боғдорӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Меваҷоти ин ҷо хеле хуштаъманд, хусусан себу нок. Барои мисол, дар хоҷагии «50-солагии Тоҷикистон»-и ноҳияи Рашт дар 800 гектар нишебии талу теппаҳо зинабоғ бунёд шудааст, ки ҳосилнокии боғҳои нав 180-200 с/га-ро ташкил медиҳад.

Дар нишебии кӯҳ ва водиҳо дарахтони худрӯй: себ, бодом, чормағз ва олуча низ вомехӯранд. Солҳои охир кирмакпарварӣ низ ба соҳаи пешқадам табдил ёфта, хоҷагиҳои ноҳия аз кирмак даромади зиёд мегиранд. Саноати ноҳияро корхонаҳои хурди сабуку хӯрокворӣ ташкил мекунанд.

Соли 2012 дар ноҳия 7 корхонаи саноатӣ, маркази ҷамъоварии пӯсти чорвои калону хурд ва 3 неругоҳи барқи обии хурд ба истифода дода шуд.

Дар маҷмӯъ, истифодаи самараноки имконияти ноҳияи Рашт рушди беш аз пеши иқтисодиёти ҷумҳуриро таҳрик мебахшад.

**Ҳ. МАҶИДОВ,**
**Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**
**Х. АМИНОВ,**
**ассистенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**
**С. ЗАМОНОВА,**
**ассистенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Даъвати баҳорӣ - 2024

# ДУШАНБЕ ВА ХАТЛОН НАҚШАИ ДАЪВАТРО ИҶРО КАРДАНД

**Тибқи иттилои хадамоти матбуоти Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ 47 шаҳру ноҳияи мамлакат оид ба иҷрои пурраи нақшаи даъвати ҷавонписарон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш доданд.**

14-уми майи соли равон нақшаи даъвати баҳории ҳарбӣ дар қаламрави вилояти Хатлон пеш аз муҳлат ба итмом расид. Бояд гуфт, ки ҳанӯз дар оғози даъвати баҳорӣ масъулони ноҳияҳои Вахш, Фархор, Муъминобод ва Хуросон аз ҷамъбасти он гузориш дода буданд. Давоми моҳи апрел то ин дам чорабинии даъвати баҳории ҷавонон ба хидмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат дар 21 шаҳру ноҳияи дигар низ ба пуррагӣ ҷамъбаст карда шуд. Қобили қайд аст, ки дар давоми 10 соли охир бори аввал иҷрои даъвати ҳарбӣ дар қаламрави вилояти Хатлон пеш аз муҳлат ба анҷом мерасад.

Ҳамин тавр, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои Шоҳмансур, Фирдавсӣ, Исмоили Сомонӣ ва Синои шаҳри Душанбе низ нақшаи даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ пурра иҷро намуданд.

Ҳоло иҷрои нақша дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 88 фоиз баробар буда, дар вилояти Суғд бошад, 67 фоизро ташкил медиҳад.

Соли равон бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди




Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди мамлакат иқдоми ҷумҳуриявӣ «Истиқболи сарбози Ватан шараф аст!» роҳандозӣ гардид. Дар доираи он дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҷавононеро, ки қарзи шаҳрвандӣ - хизмат дар сафи Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба анҷом расонида, сарбаландона ба назди волидайн баргаштаанд, бо суруру шодмонӣ истиқбол мегиранд.

Инчунин, сарбозони далери Ватанро дар фазои тантанавӣ то манзили истиқоматиашон бурда, барои садоқатмандона ҷамъбаст намудани хизмати аскарӣ ва тарбияи чунин ҷавонмардони ватандӯст ба волидони онҳо изҳори сипос намуда, ба сарбозон туҳфаю сипосномаҳо супорида мешавад.

Иқдоми мазкур шоистаи дастгирӣ буда, меҳри ҷавононро ба ҳифзи марзу буми Ватан бештар мегардонад. Ҳимояи марзу буми Ватан ва обод гардонидани он вазифаи имонию виҷдонии ҳар шаҳрванди мамлакат, бахусус ҷавонони бонангу номус, ба ҳисоб меравад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# 54 НИЁЗМАНД СОҲИБИ ХОНАИ РОЙГОН МЕГАРДАНД

**Ба хотири шоиста истиқбол намудани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар барои дастгирии оилаҳои ниёзманд бунёди бинои нуҳошёнаи истиқоматӣ оғоз гардид.**

Иқдоми мазкур дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дастгирии қишри ниёзманди ҷомеа аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ амалӣ хоҳад шуд.

Мудири шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар Эмомалӣ Юсуфзода изҳор намуд, ки бинои мазкур дар маҳаллаи калонтарини шаҳр - Хатлон бунёд шуда, баъди ба анҷом расидани сохтмон хонаҳо ба оилаҳои ниёзманд ройгон дода мешаванд.

Дар маҷмӯъ, дар бино 54 манзили истиқоматӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 21 манзили 1-ҳуҷрадор, 25 хонаи 2-ҳуҷрадор ва 8 хонаи 3-ҳуҷрадор мебошад.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

Номаи бетаҳрир

# РОҲИ МО КАЙ ТАЪМИР МЕШАВАД?

**Деҳоти Чагами ноҳияи Шамсиддин Шоҳин даҳ деҳа ва 900 хоҷагӣ дошта, аз он то шаҳри Кӯлоб ҳамагӣ 16 км роҳ аст, ки 9 км ба ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ва 7 км ба шаҳри Кӯлоб тааллуқ дорад.**

Дар 32 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин роҳҳо таъмир нашудаанд. Мардум дар фасли зимистон, ки роҳҳо пур аз барф мегардад, ба шаҳри Кӯлоб рафтуо карда наметавонанд.

Маҷбур мешавем тавассути деҳоти Саричашма ба шаҳри Кӯлоб равем. Роҳкиро зиёда аз сад сомониро ташкил мекунад. Ин роҳҳоро, ки одамон дар солҳои 30-40-уми асри гузашта бо белу каланд бунёд карда буданд, дигар рӯи таъмирро то ҳол надидаанд. Роҳбарони муассисаи роҳдорӣ мегӯянд




«ҳамаи роҳҳои кӯҳӣ таъмирталабанд, аммо мо маблағ надорем. Аз ҷумла, раиси шаҳри Кӯлоб Бахтиёр Назарзода ва раиси ноҳияи Ш. Шоҳин Зафар Гулзода аз аҳволи ин роҳҳо дарак доранд, вале кормандони ДЭУ №38-и шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Ш. Шоҳин кай аз хоб бедор мешаванд?

Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур додаанд: «Мо бояд ба халқ хизмат кунем».

Ба тамоми кормандони ДЭУ №38-и шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Ш. Шоҳин хотиррасон мекунем, ки мо бояд ин оину арзишҳоро риоя намоем, муҳити зист, деҳаю маҳали зист, шаҳру ноҳия, инчунин, роҳҳои кишварамонро ҳамеша тозаю озода нигоҳ дорем ва сарзамини аҷдодиамонро боз ҳам сарсабзу хуррам ва дилкашу хушнамо гардонем, чунки ин корҳо баёнгари тамаддуни деринаи мо ҳамчун миллати ободгару созанда мебошанд.

**Бо эҳтиром, сокинони деҳоти Чагам**
**Сафаралӣ НАЗАРОВ, Абдуназар БОРОНОВ, Исроил ҚУРБОНОВ, Сайдалӣ АЗИМОВ, Достӣ КАБИРОВ**

# ГАР ШИНОВАР НЕСТӢ...

**Машғул шудан ба шиноварӣ аз нуқтаи назари илмӣ барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани асаб, инкишофи ҷисмонӣ, мутобиқ намудани организм ба муҳит, коршоям будан дар давоми тамоми умр нақши бузург дорад.**

Ҳамагон медонанд, ки кишвари мо аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, асосан кӯҳӣ аст ва зиёда аз 900 дарё дар он ҷорӣ мешаванд. Ин дарёҳо пуртуғёну тезоб буда, кӯлҳо чуқуру дорои оби сард мебошанд. Дар мавсими гармо аҳолӣ, хусусан кӯдакон, наврасон ва ҷавонон, ба оббозӣ майлу рағбати беандоза доранд. Дар ин маврид, аксари онҳо кӯшиш менамоянд, ки ба ҷойҳое, ки имкони дар об ғӯта задан аст, рафта фароғат кунанд. Маълум аст, ки аксари онҳо ба қоидаву усул ва интихоби ҷойи оббозӣ дуруст сарфаҳм намераванд. Пӯшида нест, ки ҳар сол беандешагӣ ва надонистани қоидаҳои оббозӣ ва ба таври кофӣ надоштани малакаҳои шиноварӣ нафарони зиёд дар дарё ва кӯлҳо ғарқ шуда, ҷон медиҳанд. Бино ба гуфти сардори шуъбаи кор бо ҷомеаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон подполковник Умеда Юсуфӣ барои ғарқ нашудан зимни оббозӣ ва халосӣ аз гирдоб масъулини соҳа брошюраҳо нашр карда, дар ҷойҳои лозима овезон кардаанд. Бо риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ сокинон метавонанд ҷони худ ва наздиконашонро дар хатар гузоранд.

- Вақти оббозӣ гармии офтоб набояд баланд бошад. Ҳарорати об +17-19 дараҷаро ташкил кунад. Аз ин дараҷа паст будани об хатарнок мебошад. Хӯрок 1,5 то 2 соат пеш аз шиноварӣ бояд истеъмол карда шавад. Дар об аз 20-30 дақиқа зиёд истодан лозим нест. Дӯстдорони оббозӣ дар об набояд бадани худро то ба ларзиш бирасонанд. Хунукшавии аз ҳад зиёди бадан ба рагкашии мушакҳо боис шуда, аз дарди зиёд нафаскашӣ ва ҳаракат дар об душвортар мегардад. Дар ин ҳол, аз ҳуш рафта ғарқ шудан мумкин аст. Беҳтараш дар фосилаи 10-15 дақиқа чанд маротиба ба об даромада оббозӣ кардан, дар вақти фосилаи дамгирӣ ба бозиҳои варзишӣ машғул шуда, баъд ба об даромадан манфиатовар аст. Вақте одам дар оби хунук ғӯта мезанад, гӯё



об баданашро месӯзонад, рагҳои хунгард фишурда мешаванд, баъд ҳаракати бадан ҷойи худро мегирад. Баъд аз гузаштани фурсате бадани одам гармии форамро ҳис мекунад. Ҳамин тариқ, об хусусияти бештари гармигузаронӣ дорад, ки бадани инсон оҳиста-оҳиста гармии худро гум мекунад. Дар вақти оббозӣ аз соҳил дур шино кардан хатар дорад, зеро мушакҳои бадан тоб намеоранд ё рагкашии мушакҳои бадан пайдо мешавад. Оббозии дурудароз ва аз соҳил дур шудан ба хастагӣ оварда мерасонад ва одам ба таҳлука афтида, нобоварӣ ба соҳил расидан дар ӯ ба вуҷуд меояд. Тасодуфан одамро агар оби ҷараёни тез барад, зӯр зада қувваи беҳуда сарф кардан фоида надорад. Дар ин хел мавридҳо усули беҳтарин бо ҷараёни об ҳаракат карда, оҳиста самти ҷараёни обро бурида, ба соҳил расидан дониста мешавад. Агар кас дар гирдоб афтад, чуқур нафас гирифта, ба таги об рафта, якбора худро ба тарафи соҳили наздик тела дода, баромадан осонтар аст. Каси ба ҳамин гуна ҳодисаҳои фавқулода гирифторшуда кӯшиш кунад, ки ҳушёрӣ ва чусту чолокиро аз даст надиҳад, - тавсия медиҳад Умеда Юсуфӣ.

Олимон ва мутахассисони соҳа маслиҳат медиҳанд, ки мавсими оббозӣ аз 1-уми июн оғоз мешавад. Дар обҳои рӯкушода вақти оббозӣ саҳар аз соати 10 то соати 12 ва бегоҳирӯзӣ аз соати 16 то соати 18 беҳтар аст.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

Зикри хайр

# ЯКРӮЮ ҲАҚГӮ БУД

**Дар яке аз рӯзҳои соли 2001 роҳбари вақти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуҳрат Султонов ба дафтари кораш даъватам кард. Рафтам, ки ҷавонмарди гандумгуни лоғарандому чеҳракушоде наздаш нишастааст. Баробари ворид шуданам ҷавон аз ҷой бархост ва бо табассуми малеҳ вохӯрӣ кард. Шуҳрат Султонов моро ба якдигар муаррифӣ намуду ба ман гуфт:**

- Суҳроб Шарифов доктори илми сиёсатшиносӣ аст, имрӯз бо амри Президент ба вазифаи муовини мудири шуъбаи шумо таъин гардид. Ба шуъба се воҳиди кории дигар илова шуд, номи шуъба ҳам тағйир ёфту доираи вазифаҳояш низ васеъ гашт. Хулоса, бо ҳам кор мекунед, бовар дорам, ҳамдигарро мефаҳмеду бо ҳам унс мегиред. Ин сохтори нави шуъбаатон (варақеро ба ман дароз кард), вазифаҳоро тақсим кунед ва пайи кор шавед.

Раҳравон ба коғаз чашм давондам. Номи шуъба, ки иттилооти омма буд, иттилоотию таҳлилӣ шуда, шумораи кормандон аз чор ба ҳафт нафар расидааст. Ҳол он ки дар лоиҳае, ки бо сарварии собиқ роҳбари дастгоҳ омода шуда буд, на ин ки васеъ кардан, балки умуман барҳам додани шуъба ва ба шуъбаи фарҳанг таҳмил кардани вазифаҳои он ба миён гузошта шуда буд. Шуҳрат Музаффарович замони нав ба кор омаданаш маро даъват намуда, аз вазифаҳои шуъба, сатҳу салиқаи кормандон пурсиданд, аз лоиҳаи сохторие, ки то омадани ӯ омода гардида буд, изҳори тааҷҷубу нигаронӣ мекард. Вай, ки дар самти ташкили кор таҷрибаи ғанӣ дошт, бо таҳайюр арз карда буд: «Аҷаб, дар замоне ки иттилоот калиди тамоми корҳо шудааст, чӣ тавр метавон шуъбаи иттилоотро барҳам дод? Баръакс, шуъба ва вазифаҳои он бояд васеътар бошад…».

Ҳамин тавр, ҳам ҳайати шуъба васеъ шуд, ҳам вазифаҳояш зиёд гардид ва ҳам дар назди шуъба маркази иттилоотӣ таъсис ёфт. Суҳроб Ибронович бо шогирдаш Ромиш Шералӣ фаъолияти маркази иттилоотиро ба дӯш доштанд. Ҳар моҳ мунтазам як-ду гузориши иттилоотию таҳлилӣ омода мекарданд. Баъди дуюним соли фаъолият маро ба мудирияти шуъбаи фарҳанг гузарониданд, Суҳроб Шарифов ёвари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Азим Аминов ноиби ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода таъин шуд. Ромиш Шералӣ ба яке аз лоиҳаҳо ба кор рафт ва сатҳу самти кори шуъбаи иттилоотию таҳлилӣ дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тағйир ёфт.

Дар муддати ҳамкорӣ дар шуъбаи мазкур боре ҳам байни ману Суҳроб Шарифов дар ягон масъала нофаҳмӣ рух надод. Ҳамдигарро хуб мефаҳмидем. Хислатҳои мо аз бисёр ҷиҳат ба ҳам монанд буд. Ҳар ду, ба қавле, шартакигӯ будему аз такаббур ва хушомадгӯию тамаллуқ парҳез. Ба иҷрои вазифа сидқан мекӯшидем, чизеро намедонистем, аз ҳамдигар ё аз нафаре, ки мавзуъро беҳтар аз мо медонист, мепурсидем. Ҳамин тариқ, муддати ҳамкорӣ аз якдигар хеле чизҳо омӯхтем, гуфтан мумкин аст, ҳамдигарро такмил ҳам додем.

Замоне ки роҳбари Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва вакили мардумӣ дар Маҷлиси намояндагон интихоб шуд, тариқи телевизион дар мавзуъҳои доғи рӯз суҳбат мекард. Он замон дарёфтам, ки Суҳроб Шарифов аз ҷумлаи беҳтарин сиёсатшиносоне шудааст, ки метавонист дар мавзуъҳои гуногуни соҳа ба забони тоҷикӣ озодона, возеҳу фаҳмо суҳбат кунад, истилоҳоти тоза бисозаду мавриди истифода қарор диҳад.

Дар маҳфилу нишастҳои дӯстон Суҳроб Шарифов гули сари сабади маърака буд. Шахси аслан камгапу ҷиддӣ дар чунин мавридҳо мешукуфт, зарофат мегуфт, ҳеҷ намехост, ки маҳфил хотима ёбад.



Тақрибан моҳе қабл аз фавташ Суҳроб Шарифовро дар маркази савдои «Пойтахт» вохӯрдам, ҳамроҳи ҳамсару фарзандаш буд, биноан зиёд суҳбат накардем. Гила кард, ки барои меҳмонӣ рафтан ба хонааш борҳо ваъда дода, вафо накардам. Узр пурсидам, гуноҳамро ба нохубии сиҳатӣ ва маҳдудияти вақт рабт дода, боз ҳам ваъда додам, ки хонааш ба меҳмонӣ меоям. Надонистам, ки ин дидори охирин бо дӯсти азизу мушфиқам будааст. Рӯзи дафни Суҳроб Шарифов на танҳо пайвандону дӯстон мегиристанд, балки осмон низ сели ашк мерехт, ашки видоъ, ашки ҳасрат, ашки маломат…

**Абдураҳмони АБДУМАННОН,**
**адиб ва рӯзноманигор**

# ҲИДОЯТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БОҒПАРВАРИРО ВУСЪАТ БАХШИД

**Лаҳзае, ки ҳамроҳи хабарнигори рӯзномаи «Ҷумҳурият» Худододи Зайниддин ба маҳаллаи Эмом Муҳиддини шаҳраки Ғарм расидем, ҳашари умумӣ бо сарварии муовини раиси ноҳияи Рашт Саидбек Идибекзода идома дошт. Сокинони маҳалла ва намояндагони ташкилоту муассисаҳо бо шавқу рағбат ба ниҳолшинонӣ машғул буданд.**

- Тибқи нақша бояд дар ин мавзеъ ниҳолҳои ороишӣ ва сояафкан шинонем. Вале дар ин ҷо майдонҳои холӣ ҳастанд, ки мехоҳем дарахтони мевадиҳанда шинонем, то коми сокинони маҳалла аз меваи маҳаллӣ ширин гардад. Сокинони ноҳия дастуру ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кор қарор дода, барои татбиқ намудани онҳо содиқона заҳмат мекашанд, - гуфт Саидбек Идибекзода.
- Имсол нақша дорем, ки 28 700 бех ниҳоли ороишӣ, сояафкан ва мевадиҳанда шинонем. Дар ин заминҳо бунёди 17 гектар боғи нав дар назар аст. Барои бунёди боғ мо аслан заминҳои бекорхобидаро истифода мебарем. Шарикони рушд низ дар ин кори хайр дастгирии худро дареғ намедоранд. Тавонистем соли равон 20 гектар ҷангал бунёд кунем.

Ҳидояти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шавқу рағбати мардумро зиёд намуд ва қисми зиёди онҳо замини наздиҳавлигиро ба боғ табдил додаанд. Бунёди боғҳои нав ба деҳоти ноҳия ҳусни нав зам намуда, ба боз ҳам беҳбуд бахшидани сатҳи зиндагии мардум боис мегардад, - гуфт дар хотимаи суҳбат Саидбек Идибекзода.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# УСТОИ ЧӮБТАРОШ



Дар деҳоти Меҳрободи ноҳияи Файзобод Саъдуллои чӯбтарошро хурду калон мешиносанд. Ӯ нозукиҳои ин касбро аз падараш омӯхта, аз чӯби чормағз, зардолу ва чинор табақ, қошуқу кафлез ва дигар асбоби чӯбин тайёр мекунад. Ҳоло ки ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳ зиёд аст, маҳсули дастранҷи усто Саъдуллоро дар ярмаркаҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ бисёр мебинем.

**Ҳокими САФАР, ноҳияи Файзобод**



# АЗ САДАМАИ КӮҲИ СӮХТА 60 СОЛ СИПАРӢ ШУД

**60 сол қабл дар деҳаи Варзи Манори ноҳияи Айнӣ офати табиӣ рух дод. Поракӯҳи азим лағжида, пеши дарёи Зарафшонро гирифт.**

Такони сахт ва чангу ғубори ғализи садама, шикастани тирезаҳо, кафидани деворҳои хонаҳо таҳлукаро ба вуҷуд овард.

Комитети партиявии ноҳия ситоди фаврӣ даъват намуда, барои таъмин намудани бехатарӣ ва кӯчонидани аҳолӣ ба ҷойҳои амн супоришҳои мушаххас дод. Раиси Ҷамоати деҳоти Айнӣ, зани кордону ғаюр С. Нурова дар байни мардум корбарӣ намуда, барои ба маҳалҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ чораҳои мушаххас андешид.

Дар рӯзномаҳои марказии Иттиҳоди Шуравӣ оиди баланд шудани сатҳи об ва зери об мондани пули калонтарине, ки ҷанубу шимоли Тоҷикистонро пайванд менамуд, ахборот доданд. «Баландии кӯҳи лағжида 240 метр, бараш 400 метр ва дарозияш 800 метрро ташкил медиҳад. Дар давоми 20 соати баста шудани маҷрои дарёи Зарафшон сатҳи оби он 6 метр ва дар як шабонарӯз 45-50 метр боло рафта, садҳо метри мукааб об ҷамъ шуда, обанбори сунъиро ба вуҷуд овард. Дашти Сангистон ва зиёда аз 4 километр роҳи мошингарди Хуҷанд-Душанбе зери об монд», - навишта буданд рӯзномаҳо.

Дар ҳолати рахна шудани садди бавуҷудомада даҳҳо ҳазор гектар замин ва минтақаҳои аҳолинишин то Самарқанду Бухоро зери об мемонд.

Рӯзи дуюми садама намояндагони баландпояи Иттифоқи Шуравӣ ба ҷои ҳодиса омада, роҳҳои рафъи садамаро таҳлил намуда, қарори дахлдор қабул карданд. Пас аз гузаронидани ситод хизматчиёни округи ҳарбии Туркистон, сохтмончиён, масъулини соҳаи нақлиёт, роҳсозон, таркишдиҳандагон ва техникаҳои зиёди пуриқтидор барои бартараф намудани офати табиӣ ҷалб шуданд. Ба ҷои ҳодиса аз гӯшаву канори мамлакат техника, қувваи корӣ, масолеҳи сохтмон, хӯрокворӣ ва дигар таҷҳизоти зарурӣ дастрас шуд.

Дар деҳаи Варзи Манор ситоди доимоамалкунанда ташкил гардид. Дар шаҳри Панҷакент ситоди «Хатар» таъсис дода шуд ва мардум ба соҳилмустаҳкамкунӣ сафарбар мешуданд. Дар ноҳияи Айнӣ зиёда аз 2500 нафар хизматчиёни ҳарбӣ, мутахассисон, коргарон ва ҳашарчиён ба таври шабонарӯзӣ кор мекарданд.

Раисони колхозҳои ноҳияи Айнӣ - Б. Султонов Р. Баҳриддинов Б. Арбобов, М. Ҷумъабоев, К. Қодиров ба ғайр аз таъмини маҳсулоти хӯрокворӣ ҳар рӯз 50-60 нафар колхозчиёнро барои кумак мефиристоданд.

Мутахассисони қисмҳои низомӣ барои таъмини рафтуомади мусофирон, дастрас намудани хӯрокворӣ ва дигар молҳои талаботи ҳаррӯзаи мардум завракҳои калонҳаҷм, пулҳои «Пантонӣ» оварда, ҳаракати нақлиёти боркаш ва одамонро таъмин менамуданд. Завракҳо аз гардиши мавзеи «Оби Кумарғ» ду мошини боркаш (он вақт автомашинаҳои ГАЗ-52 зиёд буданд) ва одамонро гирифта, то дашти Сангистон меоварданд. Сипас, ба воситаи пули «Пантонӣ» ба роҳи асосӣ баромада, ҷониби Панҷакент ва Хуҷанд раҳсипор мешуданд.

Падарам - Ниёзов Насрулло сардори Фабрикаи маъдантозакунии кӯҳии Анзоб буд. Ҳар рӯз чанд мошин маҳсулот (консентрат)-и фабрикаро бояд то роҳи оҳани шаҳри Самарқанд мефиристод. Ҳамон вақт 12 сол доштам ва қиблагоҳам маро ба ҷои ҳодиса бурд. Бояд аз Оби Кумарғ ба воситаи заврақ то Дашти Сангистон мегузаштем. Зимни ба пули «Пантонӣ» наздик шудан автомашинаи боркаш лағжида ба қаъри обанбори навташкил рафт. Хушбахтона, ронандаро кормандони ҳарбӣ наҷот доданд.

Комиссияи ҳукуматӣ ва мутахассисон 12 шабонарӯз бо офати табиӣ мубориза бурда, бо чанд таркиш рӯзи 13-ум пеши роҳи об кушода шуд. Дар ҳамин лаҳзаҳо хурсандии мардум ҳадду канор надошт.

Ҳоло ҳар роҳгузаре, ки аз деҳаи Варзи Манор мегузарад, осори боқимондаи ин садамаи мудҳишро дида метавонад.

Месазад, ки дар бораи шахсиятҳои алоҳида, мутахассисон, хизматчиёни ҳарбие, ки барои рафъи садамаи мазкур саҳм гузоштанд, китобе навишта, барои насли оянда мерос гузорем ва тамошои филми ҳуҷҷатиро, ки ҳамон рӯзҳо наворбардорӣ шуда буд, ба роҳ монем.

**Муҳаммадносири НАСРУЛЛО,**
**Аълочии матбуоти Тоҷикистон**

Бозёфт

# ХОҶА МАФРАҶ. КАШФИ МАҶМААИ НАВИ БОСТОНӢ-МЕЪМОРӢ ДАР ҲИСОР

**Чанде пеш дар осорхонаи шаҳри Ҳисор чорабинии илмӣ-амалӣ доир гардид, ки дар он вазъи ёдгориҳои шаҳри Ҳисор, таҳқиқ, омӯзиш ва ҳифзи онҳо мавзуи меҳвари ҷамъомад буд.**

Нозири ҳифзи ёдгориҳо ва мероси таърихии шаҳри Ҳисор Ориф Дӯстов иброз дошт, ки дар замони соҳибистиқлолӣ бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таъриху фарҳанг ва ёдгориҳои таърихии кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуд. Дар натиҷа ба дастовардҳои назаррас ноил гардидем, ки дар таърихи давлатдорӣ назир надорад.

Зикр шуд, ки дар натиҷаи азнавбақайдгирии ёдгориҳои таърихӣ муайян гардид, ки дар шаҳри Ҳисор 88 объекти мероси таърихию фарҳангӣ мавҷуд мебошад. Аз ин шумора ёдгориҳои бостоншиносӣ (талу теппаҳо, ғорҳо, мазорҳо, бошишгоҳҳо) - 59, ёдгориҳои меъморӣ (қалъаҳо, масҷидҳо, мадрасаҳо) - 23 ва ёдгориҳои монументалӣ (ҳайкалҳо, муҷассамаҳо, мусавваразҳо ва навиштаҷоти рӯи сангҳо, 6 ададро ташкил медиҳанд. Феҳристи мазкур аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор тасдиқ гардида, ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд.

Айни ҳол ҳашт ёдгории кишвари мо ба Феҳристи ёдгориҳои ЮНЕСКО дохил шудаанд, ки яке аз онҳо Қалъаи Ҳисор мебошад. Қалъаи Ҳисор ва маҷмааи ёдгориҳои таърихии он аз маъруфтарин биноҳои таърихии Осиёи Марказӣ маҳсуб ёфта, таърихи беш аз 2500-сола дорад.

Дар асоси Маҷмааи ёдгориҳои таърихию меъмории Ҳисор ва деворҳои боқимондаи шаҳри Ҳисор, ки ёдгориҳои атрофи шаҳри Ҳисорро низ дар бар мегиранд, «Мамнӯъгоҳи таърихӣ-фарҳангии Ҳисор» ташкил карда шудааст. Он 28-уми январи соли 1982 номи «Мамнӯъгоҳи таърихӣ - фарҳангии Ҳисор»-ро гирифта, аз 30-юми июли соли 2009 мақоми давлатӣ ва ҷумҳуриявиро касб кардааст. Мамнӯъгоҳ ёдгориҳои таърихии Қалъаи Ҳисор, Мадрасаи Куҳна, Мадрасаи Нав, Мақбараи Куҳна, Дарвозаи Арк, Масҷиди Сангин, Мақбараи Махдуми Аъзам, Корвонсарои Хиштин, Мадрасаи Чашмаи Моҳиён, Таҳоратхона, Масҷиди Одина ва Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Ҳисорро дар бар мегирад.

Ориф Дӯстов, ҳамчунин, иброз дошт, ки шуъбаи бостоншиносӣ ва сиккашиносии Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳоти Алмосии шаҳри Ҳисор пажӯҳиш гузаронда, Маҷмааи бостонӣ- меъмории Хоҷа Мафраҷро ба қайд гирифтанд.

Он яке аз қалъаҳои минтақа ба шумор рафта, дар баландии тақрибан 3000 метр воқеъ мебошад. Ин ёдгории таърихӣ гуногунҷанба буда, аз тасвирҳои рӯисангӣ, меъморӣ, қалъа ва манора иборат аст. Дар ин мавзеъ, инчунин, қабрҳои давраи аввали ислом кашф шудааст.

**Сайидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

Барои дарёфти Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Инъикоси бадеии синфи коргар дар адабиёт, меҳнати бунёдкоронаи онҳо, характер, рӯҳия, гуманизм, муносибати инсонӣ, ҷаҳонбинию олами маънавӣ дар наср яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати давлат ва адабиёти замони шуравӣ ба шумор мерафт.**

Дар адабиёти шуравии тоҷик оид ба асарҳое, ки симои синфи коргарро ба риштаи тасвир кашида буданд, аз қабили «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил, «Авроқи рангин»-и Ҷумъа Одина, «Об-рӯшноӣ»-и Муҳиддин Хоҷаев, «Норак»-и Юсуф Акобиров, муҳаққиқон пажӯҳишҳои зиёд анҷом додаанд. Дар он рӯзгор тасвири образи синфи коргар дар адабиёти тоҷик яке аз масъалаҳои муҳими адабӣ-эстетикӣ шуморида мешуд ва қимати бузурги ғоявӣ-тарбиявӣ дошт, аммо агар аз дарича имрӯз ба асарҳои М. Хоҷаев ва Ю. Акобиров бингарем, ҳар ду асар ҳам ба сохтмони нерӯгоҳи азими аср – «Норак» бахшида шудаанд, ки аз як ҷониб ба таърихи иҷтимоию иқтисодии начандон тӯлонии кишварамон ошно мегардем, аз дигар тараф қудрати кишвари шуравиро дар мавриди тар-

# СИМОИ НАВИ КОРГАРИ ТОҶИК



бияи синфи коргар ва ба ин васила таҳаввули ҳаёти сиёсии он мушоҳида менамоем. Дар асарҳои мазкур персонажҳои зиёд ширкат менамоянд ва қувваи фаъолро намояндагони миллати рус ташкил додаанд. Масалан, дар «Норак»-и Ю. Акобиров Анатолий Карпов, Семён Алексеевич, Пётр Злобин, Леонид Осипов, Олег Иванович, Генка Шатров ва ё дар «Об-рӯшноӣ» -и М. Хоҷаев Владимир Кумачев, Петро ва дигарон қудрати бештари корфармоию кордонӣ нишон медиҳанд ва ин намунаи дӯстии халқҳо дар он рӯзгор аст, зеро дар сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Норак» намояндагони беш аз чил миллату халқиятҳои шуравӣ ширкат варзидаанд.

Дар бораи Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» очерку лавҳа, мақолаю дигар гузоришҳои зиёд навиштаанд, аммо дар насри замони истиқлоли давлатӣ бори аввал Равшан Махсумзод тавонист оид ба ин нерӯгоҳи азими аср асари бадеӣ иншо намояд, ки қобили таҳсину офарин аст. Повести «Кафшергар»-и ӯ ягона асари бадеиест, ки дар он диловариҳои коргарони НБО «Роғун» дар замони соҳибистиқлолӣ бо ҷилои тоза медурахшад. Воқеан, Равшан Махсумзод яке аз нависандагони маъруфи тоҷик аст, ки то ба имрӯз маҷмӯаи ҳикоя, қиссаю романҳояш «Арзи дил», «Қалами шинос», «Духтари кӯҳистон», «Сояи ишқ», «Кафан киса надорад», «Пули Сирот», «Дили модар», «Ишқи зистан», «Ғуруб» нашр шудаанд ва китоби «Кафшергар» бори дигар ҳунари нависандагии ӯро собит мекунад.

Дар ибтидои асар қаҳрамони қиссаи «Кафшергар» Баҳром Рустам, ки аз оғози расмии кор дар Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» (26 сентябри соли 1976) чун кафшергар фаъолият дошт, пас аз пошхӯрии ҷомеаи шуравӣ ва боздошта шудани кор дар ин нерӯгоҳи азим дар манзили истиқоматиаш, ки дар қабати чоруми бинои баландошёна воқеъ аст, назди бухории чӯянӣ нишаста, оташ дармедод. Бухориро ба тиреза қариб гузошта, дудкашашро аз чашми он ба берун баровардааст. Аз ин зиёд илоҷ набуд. Барқ хомӯшу берун сард аст ва дар оғози қисса нависанда тасвири манзараҳои биноҳои истиқоматии шаҳри Роғунро дар он рӯзгор хеле моҳирона ба қалам додааст. Масалан, дар бинои шафати хонааш, ки замоне дӯсташ Виктор Агеев бо зану бачаҳояш мезисту имрӯз ба харобазор табдил ёфтааст, сайронгоҳи сагҳои дайду шуда, чорпоёни бесоҳиб он ҷоро ахлотхона кардаанд. Ин тасвир хеле моҳирона сурат гирифтааст.

Дар оғози сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» коргарон дар хаймаҳо мезистанд. Шароит набуд, аммо дили мардум гарм буд ва ғайрати пиру ҷавон мисли чашма ҷӯш мезад. Баъд дар иҳотаи талу кӯҳҳо биноҳои баландошёна қомат афрохтанд ва як гӯшаи нообод ҷумҳурӣ ба гулистон мубаддал ёфт. Аммо ҷанги шаҳрвандӣ ҳамаи ин умедҳоро барбод дод.

Дар мисоли Баҳром Рустам ва Виктор Агеев нависанда рамзи дӯстии халқҳои тоҷику русро нишон додааст, аммо бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ Виктор ҳам бо аҳли оилааш Тоҷикистонро тарк мекунад ва рӯзи хайрбод бо дарду алам ба Баҳром мегӯяд: «Шумо ба решаи худ бераҳмона теша мезанед. Бори аввал мебинам, ки ба рағми ободӣ овоз баланд мекунанд, гиребони ҳамдигарро мегиранд. Магар бад аст арзи ҳастӣ кардани боз як нерӯгоҳи бузург дар Ватанатон? Магар Нерӯгоҳи барқи обии «Норак» ба касе зарар расонд ё аз баракаташ Тоҷикистон бӯстон нашуд? Иттиҳоди Шуравӣ барҳам хӯрд, акнун дигар Худо медонад ба дасти худатон бунёд шудани Роғунро. Қуввату дороиатон намерасад ба бунёди чунин иншооти бузург. Сад афсӯс!».

Баҳром Рустам, азбаски ҳунари хуби таъмири мошинҳоро дорад, бе рӯзӣ намемонад. Дар мисоли муносибати Баҳром бо муаллими куҳансол Ёдгор Қудрат, ки чор сол дар майдони ҳарб размидааст, Равшан Махсумзод умедро баояндаи нек тасвир кард: «Ниёгонамон беҳуда нагуфтаанд: нисфи умратро бидеҳу рӯшноӣ бихар, ба нисфи дигараш ҷӯшоӣ, – мегӯяд муаллими куҳансол, – Ҷанг танҳо наҳсӣ меорад…». Ёдгор Қудрат, чун худ иштирокчии ҷанг аст, сардию гармиҳои зиёди рӯзгорро борҳо дидааст, марди пухтаест, аз душвориҳо наметарсад, ба қудрати инсон дар бартараф кардани ҳама гуна душвориҳою бунёдиояндаи нек боварӣ дорад ва ҳамин рӯҳияро ба дигарон низ талқин мекунад.

Дарвоқеъ, аксарият чунин мепиндоштанд, ки пас аз пош хӯрдани сохтори абарқудрати шуравӣ дигар умеди бунёдкориҳо нест. Аз ҳамин ҷост, ки шаҳраки Роғун дар як муддати кӯтоҳ ба харобазор мубаддал гардид. Ин рӯҳия ҳангоми суҳбат дар хонаи муаллим, баъди бар асари боришоти зиёд сарбандро валангор кардани сел ва пеши дарёро баставу ҳамаи нақбҳои дар давоми понздаҳ-бист сол бо заҳмати дандоншикан сохтаи коргарон дар қиссаи «Кафшергар» тасвир шудааст: «Он шаб Баҳром бо димоғи сӯхта ба хона баргашт. Ба онҳое, ки замоне барои сохтани нерӯгоҳ бинобар сабаби зери об мондани деҳаву гӯристонҳояшон муқобил баромада буданд, нафрат мехонад.

- Одамон роҳ ба дигар сайёраҳо мебаранду шумо дар ғами чор хонаи гилину турбати садсола. Зери об мемондааст, нобуд мешудааст. Ана акнун бинед, зери об мондану аз беху бун канда бурдани хонаатонро, - гуфтааст Баҳром».

Дар фасли дуюми повест оғози корҳо дар «Роғун» тасвир мешавад. Баҳром Рустам, ки ин рӯзро дер боз интизор буд, пеш аз ҳама, омодагӣ мегирад ва писараш Фарҳодро аз рафтан барои мардикорӣ ба Россия бозмедорад: «Ту дигар ба Россия намеравӣ. Ба нерӯгоҳ ба кор медароӣ. Ронандагиро нағз ёд гирифтӣ. Ин касб дар нерӯгоҳ мисли обу ҳаво зарур аст», – мегӯяд ба писараш. Дар ибтидои корҳои барқароркунӣ мардуми сарсон чандон майли кор кардан дар «Роғун»-ро надоштанд. Аз ҳамин рӯст, ки муовини раиси сохтмон Баҳром Рустамро бо таъзиму такрим пешвоз мегирад ва барои ҷалб намудани коргарон як гурӯҳи ташвиқотӣ созмон медиҳанд, ки дар ин амал низ тарғиботчии асосӣ Баҳром Рустам аст.

Ваъдахилофии «дӯстон», зиддияти баъзе аз кишварҳои ҳамсоя ва амсоли ин монеаҳое буданд, ки дар он рӯзгор эҷод шуда буданд ва нависанда ҳамаи он далелҳоро дар асар овардааст:

- Бародарони рус ваъдахилофӣ карданд? – пурсид Баҳром Рустам, бекор шудани шартномаро бо ширкати «Русал»-и Россия дар назар дошта.

- Ба шартҳои мо розӣ нашуданд онҳо. Сарбандро панҷоҳ метр паст карданианд, ки қобили қабул нест, - мегӯяд муовини раиси сохтмон.

Яке аз образҳои манфии асар Субҳони бучча аст, ки замоне дар Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» мудири анбор буд ва баъдтар барои чапдастиаш аз кор пеш карданд. Субҳони бучча мехоҳад дар байни мардум ҳисси нобовариро бедор кунад ва ҳангоми вохӯрӣ бо гурӯҳи ташвиқотӣ ӯ бо тамасхур миқдори маош дар сохтмонро пурсон мешавад, зеро се писараш дар Россия мардикорӣ доранд ва «Акнун аз давлати онҳо даври пирӣ меронам,- мегӯяд Субҳони бучча,- алҳол ҷойи ман пешгаҳи масҷиду тоату ибодат…».

Баҳром Рустам меандешид, ки россияравӣ мардумро танбал кардааст. Меҳнат кардан намехоҳанд дар зодгоҳи хеш. Як орзу доранд: мактабро ҳарому ҳалол тамом кунанду Россия мардикорӣ раванд, пул ҷамъ оранд, мошин бихаранд, кайфу сафо кунанд.

Симои Баҳром Рустам дар асар чун марди ҳақиқӣ, меҳнатдӯст, ботамкин, дурандеш ва аз ҳама муҳим, дӯсту ғамхори одамон ба назари хонанда ҷилва медиҳад. Барои ҳалли чунин як масъалаи басо муҳим ва мураккаби ҳаётӣ барои нависанда шахсе лозим буд, ки ӯ аз як тараф, ҳарҷиҳата дар байни мардуми маҳали худ соҳибобрӯй, аз тарафи дигар, аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъолу дар ҳаёт мубориз бошад. Чунин шахси боэътимод ва муътабар Баҳром Рустам аст, ки муаллиф аз аввал то интиҳои асар ӯро дар маркази диққати асари худ гузошта, ҳалли бисёр масъалаҳоро ба зиммаи ӯ мегузорад. Ӯ замоне донишҷӯи соли чоруми Донишкадаи техникӣ буд. Курси чорумро хатм карда, ба таҷрибаомӯзӣ бояд мерафт. Баҳром ҳангоми бозгашт дар автобус бо марде шинос шуд, ки минбаъд маҷрои ҳаёти ӯро тағйир дод. Ин мард Ҳабиб Ёрмуҳаммад – бригадири бригадаи кафшергарон буд, ки Баҳромро ба шогирдӣ пазируфт ва ҳамин тавр сӣ соли умри худро дар нерӯгоҳ ҳамчун кафшергар сарф кард.

Дигар аз образҳои манфии қисса Халили мундӣ аст. Ӯ солҳои аввали сохтмон дар «Роғун» бетонрез шуда кор мекард. Рӯзе ҳангоми баркандани қолиби фулузии бетонрезӣ дасташ зери он монда, сахт ҷароҳат бардошт ва бо вуҷуди табобат дасти росташ каҷ қолаб гирифта оқибат хушкид. Барои ҳамин, мардум ба ӯ мундӣ лақаб монда буданд. Дар мунокишае, ки байни Баҳром Рустам ва Халили мундӣ дармегирад, нависанда масъалаи таассубу хурофот ва ифротгароии бархе аз ҳамватанонамонро ба миён мегузорад. Халили мундӣ Баҳромро таъна зада, ба масҷид наомаданашро нишонаи гумроҳӣ ва беимонӣ медонад: «Мехоҳӣ, дар пирӣ низ ягон медалат диҳанд. Дониста бош, фардо рӯзи қиёмат барои он оҳанчаҳои дар сари синаат овезон саратро сила намекунанд, балки онҳоро дар гӯшҳоят кашол карда, рост ба дӯзах мебарандат», - гуфтааст Халили мундӣ. Баҳром Рустам аз оқибати бади ин амал ба андеша меравад. Воқеан, мо имрӯз мунокишаю муҷодаларо мебинем ва хуб дарк мекунем, ки таассубу хурофот ҷомеаи моро ба ташвиш овардааст ва ба масъалаи доғ табдил ёфтааст.

Дар бораи нерӯгоҳи азиме чун «Роғун» эҷод кардани асари бадеӣ кори саҳл нест, зеро ҳанӯз дар ин нерӯгоҳ корҳо идома доранд. Асарҳое, ки дар бораи Нерӯгоҳи барқи обии «Норак» навишта шуда буданд, пас аз ба кор даромадани он мунташир гаштаанд. Дар асари ҳаҷман начандон бузург Равшан Махсумзод тавонистааст муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоии замонро инъикос намояд. Хонанда пас аз мутолиаи асар ҳамаи азамати манзараҳои сохтмони ин нерӯгоҳро пеши назар меорад. Муъҷазбаёнӣ, маҳорати баланди тасвиргарӣ, забони сода ва салиси нависанда боис гаштааст, ки ҳодисаю воқеаҳо хотирмон гарданд.

Хулоса, «Кафшергар»-и Равшан Махсумзод дар баробари инъикос кардани корнамоиҳои коргарони тоҷик дар Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» масъалаҳои зиёди иҷтимоию ахлоқиро фаро гирифтааст, ки дар маҷмӯъ, метавонад беҳтарин василаи тарбияи насли наврасу ҷавони кишвар дар рӯҳияи меҳанпарастӣ, худшиносии миллӣ ва меҳнатдӯстӣ бошад. Кас аз мутолиаи китоб ба хулоса меояд: «Муаллиф салоҳ додааст, то сиришти инсониро бо як лаҳни монанд ба меҳру садоқат дар замири дили хонандаи хушбину хушзавқ ҷо кунад».

Ин китоб, ки аз ҷониби раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон барои дарёфти Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод гардидааст, бешак, сазовори ин ҷоизаи муътабар мебошад.

**Боймурод ШАРИФЗОДА,**
**адабиётшинос, номзади илми филология**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| | № | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 422121 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Рӯдакӣ» | Таъмири ҷории биноии Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Рӯдакӣ» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.05.2024 11:45:00 |
| 2 | 422100 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Корҳо дар самти насби таҷҳизоти сардкунанда | Озмуни кушод | Кор | 1 | 04.06.2024 15:10:00 |
| 3 | 422102 | МД «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №10» оид ба футбол | Инвентари варзишӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 04.06.2024 15:39:43 |
| 4 | 422103 | МД таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятим»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 32 | 04.06.2024 15:44:21 |
| 5 | 422104 | Муассисаи давлатии «Боғи ҳайвоноти шаҳри Душанбе» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 04.06.2024 15:55:14 |
| 6 | 422101 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и шаҳри Хоруғ | Таъмири ҷории биноии МТМУ-и № 2 шаҳри Хоруғ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 04.06.2024 16:10:00 |
| 7 | 422109 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Деваштич | Сохтмони биноии нави Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳраки Ғончии ноҳияи Деваштич | Озмуни кушод | Кор | 2 | 04.06.2024 16:53:53 |
| 8 | 422108 | Шуъбаи сохтмони асосии ВМКБ | Сохтмони хонаи фарҳанг дар деҳаи Шидзи ноҳияи Рӯшон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 04.06.2024 17:00:00 |
| 9 | 422111 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони қасри варзишии Суғд-Арена дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои заминӣ ва оҳанубетонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 04.06.2024 17:10:40 |
| 10 | 422113 | Муассисаи таълими томактабии №4-и шаҳри Хоруғ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 38 | 04.06.2024 17:40:00 |
| 11 | 422115 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти техникӣ, техникаи маишӣ, таҷҳизоти варзишӣ ва мебели идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 20 | 05.06.2024 08:00:41 |
| 12 | 422116 | Корхонаи фаръии сохтмони асосӣ ва таъмири Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Барқарорсозии хати оби нӯшокии деҳаҳои ноҳияи Балҷувон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 05.06.2024 10:00:00 |
| 13 | 422117 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | Таҷҳизоти сӯхторнишонӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 05.06.2024 10:00:56 |
| 14 | 422118 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №90»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 26 | 05.06.2024 10:15:52 |
| 15 | 422122 | Боғи миллии Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои рӯзгор, таҷҳизоти нарм, асбобҳои корӣ, шина, нуриҳои минералӣ, пестисидҳо, дарахтон, лампаҳои гул, таҷҳизоти хона ва офис | Озмуни кушод | Мол | 76 | 05.06.2024 11:35:55 |
| 16 | 422127 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Таҷҳизоти тиббӣ бо маҷмӯъ барои эҳтиёҷоти Беморхонаи физиотерапевтии вилояти Суғд, Ҷамоати деҳоти Ғӯлакандози ноҳияи Б. Ғафуров | Озмуни кушод | Мол | 34 | 05.06.2024 13:15:45 |
| 17 | 422097 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун» | Таҷҳизоти оптикӣ, принтерҳо, компютерҳо ва таҷҳизоти ба он насбшаванда | Озмуни кушод | Мол | 22 | 05.06.2024 14:00:00 |
| 18 | 422130 | Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор | Реагентҳои лабораторӣ ва маводи масрафшаванда | Озмуни кушод | Мол | 13 | 05.06.2024 14:00:00 |
| 19 | 422131 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» | Доруворӣ, реагентҳои лабораторӣ, молҳои тиббӣ ва маводи масрафшаванда | Озмуни кушод | Мол | 109 | 05.06.2024 14:00:00 |
| 20 | 422128 | Муассисаи давлатии телевизиони мусиқии Тоҷикистон «Шаҳнавоз» | Таҷҳизоти студиявӣ ва мебели мулоим | Озмуни кушод | Мол | 7 | 05.06.2024 14:10:18 |
| 21 | 422136 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ишкошим» | Маҳсулоти нефтӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 05.06.2024 14:20:00 |
| 22 | 422119 | МД «Маркази тиббии шаҳрии №2» ба номи академик К. Тоҷиев | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 23 | 06.06.2024 10:25:07 |
| 23 | 422120 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» | Таъмири асосии биноии Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.06.2024 10:42:34 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонат-мобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ШУКР МОЛИЯ»

## Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст

bakertilly

Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734025
кӯч. Бохтар 37/1, офис 501

T: + 992 (44) 600 46 55
contact@bakertilly.tj
www.bakertilly-ca.com

**ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ**

Ба саҳомон, Шурои нозирон ва роҳбарияти Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Шукр Молия»:

**Хулосаи аудитор**

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Шукр Молия»-ро (дар оянда «Ташкилот») гузаронидем, ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2023, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва маҷмӯи даромади ғайр, ҳисобот оиди тағйирёбии сармоя ва ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ ва инчунин эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла маълумоти кӯтоҳ дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи замимашудаи молиявии мазкур аз ҳама ҷиҳатҳо вазъи молиявии Ташкилотро дар санаи 31 декабри соли 2023 ва инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулии онро барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расид, мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

**Асос барои хулосаи аудитор**

Мо санҷиши аудиториро мувофиқи Стандартҳои байналмилалии аудиторӣ («СБА») гузаронидем. Масъулияти мо мувофиқи ин стандартҳо дар бахши «Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботҳои молиявӣ»-и ҳисоботамон ошкор шудааст. Мо мувофиқи талаботи Кодекси ахлоқи аудиторони касбӣ, ки аз тарафи Шурои стандартҳои байналмилалии ахлоқ барои муҳосибон тасдиқ шудааст («Кодекси ШСБАМ»), дар якҷоягӣ бо талаботи ахлоқӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор мебошанд, аз Ташкилот мустақил мебошем, ва мо инчунин дигар талаботҳои ахлоқиро низ мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро намудаем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие, ки мо дастрас намудем, барои изҳори хулосаи мо асоси кифоя ва муносиб мебошанд.

**Бобе, ки ҷолиби диққат аст**

Мо диққати шуморо ба Тавзеҳоти 13 «Қарзҳои ба мизоҷон додашуда» -и ҳисоботи молиявӣ ҷалб менамоем, ки дар он захира барои зарари пешбинишуда аз рӯи қарзҳои додашуда 93 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Модели ҳисоб кардани зарари қарзии пешбинишуда, ки онро Ташкилот таҳия кардааст, зарари қарзии пешбинишударо бо сабаби набудани маълумоти таърихӣ ҳисоб карда наметавонад. Роҳбарияти Ташкилот қарор намуд, ки захирае, ки тибқи дастури БМТ № 215 «Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо» - БМТ ҳисоб карда шудааст, нисбати қарзҳои стандартӣ истифода намояд. Роҳбарият ин захираро барои пӯшонидани зарари қарзи пешбинишуда кофӣ мешуморад.

Мо диққати шуморо ба Эзоҳи 16-и «Иҷора»-и ҳисоботи молиявӣ ҷалб менамоем, ки дар он дороиҳои дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ ва ухдадориҳо аз рӯи иҷора ба санаи 31 декабри соли 2023 нишон дода шудаанд ва мутаносибан 2,427 ҳазор сомонӣ ва 3,426 ҳазор сомониро ташкил медиҳанд. Ин ҳисобҳо иҷораи биноии Идораи марказиро дар бар мегиранд. Роҳбарият шартномаҳои иҷораи боқимондаи марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурдро ба талаботи СБҲМ 16 номутобиқ мешуморад, зеро онҳо шартномаҳои кӯтоҳмуддат мебошанд.»

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи молиявӣ**

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи суиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд.

Дар омодакунии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият оиди баҳогузории қобилияти Ташкилот барои фаъолияти қатънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти қатънашаванда татбиққунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии ташкилотҳои фаъолияташон қатънашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истисноии мавридҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдиҳии Ташкилот, қатъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ, ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Ташкилот масъулиятнок ба ҳисоб мераванд.

**ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ШУКР МОЛИЯ»**

**ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 4 | 829 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 4 | (509) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРА БАРОИ ЗАРАРИ ПЕШБИНИШУДА ЭЪТИРОФИ ТАХФИФ АЗ РӮИ ҚАРЗҲОИ БА МИЗОҶОН ДОДАШУДА | | 320 |
| Ташаккули/(барқарорсозии) захира барои зарари пешбинишудаи қарзӣ аз рӯи қарзҳо ба мизоҷон | 13 | (93) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ | | 227 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 5 | 4,571 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 5 | (3,350) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 6 | 45 |
| (Ташаккули)/барқарорсозии захира оид ба беқурбшавии дигар дороиҳо | | (17) |
| Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ | 7 | 159 |
| ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ | | 1,408 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 8 | (2,677) |
| ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА | | (1,042) |
| Даромади андоз аз фоида | 9 | 201 |
| ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ | | (841) |
| Маҷмӯи даромади ғайр: | | |
| ҲАМАГӢ МАҶМӮИ ДАРОМАД | | (841) |

**Аз номи роҳбарияти Ташкилот:**

**Убайдов Фаридун Раҳматуллоевич**
**Директори генералӣ**
27 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Бурҳонов Абдузоир Абдувоҳидович**
**Сармуҳосиб**
27 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи молиявӣ**

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва ҳисоботи молиявӣ, ки ақидаҳои моро ифроз менамоянд, пешниҳод менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедиҳад, ки аудит дар асоси СБА ҳамеша таҳрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи суиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алоҳидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ машғулбуда таъсир расонанд.

Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи доварии касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

- таҳрифоти назаррас дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд, муайян ва баҳогузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани ақидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд, дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, суиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилии Ташкилот, дастрас намудем;
- бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро арзёбӣ намудем;
- доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти қатънашаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитхое, ки метавонанд шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Ташкилот ба фаъолияти қатънашаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи молиявӣ талаб намоем ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир диҳем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудитории дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти қатънашандаи Ташкилот гарданд;
- пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.

Мо ба шахсони масъули роҳбарикунандаи Ташкилот маълумотро оиди банақшагирии ҳаҷм ва муҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва инчунин, мушоҳидаҳои муҳими аудит, аз ҷумла норасоиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ, ки мо дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор намудаем, мерасонем.

Мо, инчунин, ба шахсони масъули идоракунӣ изҳорот медиҳем, ки мо тамоми талаботи ахлоқии марбут ба мустақилиятро риоя кардем ва ба онҳо ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳоеро, ки метавонанд ба таври оқилона ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ, ҳама чораҳои эҳтиётии дахлдорро хабар додем.

Шавкатҷон Назиров

Директор,

ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон»

Иҷозатнома № 000014, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст

27 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ШУКР МОЛИЯ»**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | 31 декабри с. 2023 | 31 декабри с. 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 10 | 12,680 | 10,000 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 11 | 1,761 | - |
| Воситаҳои барои истифода маҳдуд | 12 | 1,655 | - |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 13 | 4,095 | - |
| Воситаҳои асосӣ | 14 | 3,889 | - |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 15 | 2,087 | - |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 26 | 2,427 | - |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 9 | 227 | - |
| Дороиҳои дигар | 17 | 8,874 | - |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 37,695 | 10,000 |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| УҲДАДОРИҲО | | | |
| Воситаҳои мизоҷон | 18 | 12,261 | - |
| Маблағҳои қарзӣ | 19 | 6,016 | - |
| Уҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 16 | 3,426 | - |
| Дигар уҳдадориҳо | 20 | 1,833 | - |
| | | 23,536 | - |
| САРМОЯ: | | | |
| Сармояи оиномавӣ | 22 | 15,000 | 10,000 |
| Сармояи бар илова пардохтшуда | | - | - |
| Захираҳои умумӣ | | - | - |
| Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | | - | - |
| Фоидаи тақсимнашуда | | (841) | - |
| | | 14,159 | 10,000 |
| ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ | | 37,695 | 10,000 |

**Аз номи роҳбарияти Ташкилот:**

**Убайдов Фаридун Раҳматуллоевич**
**Директори генералӣ**
27 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Бурҳонов Абдузоир Абдувоҳидович**
**Сармуҳосиб**
27 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи гумшудаи №А03303087, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 14-уми марти соли 2020 ба Камилова Ҳангома Ахмадҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13-уми апрели соли 2021 таҳти феҳристи №8Ш-1650 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пахтакор, хонаи б/р, таҳти Литери 1А2/сб ба Зокирова Сайрам Ҳасановна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Мустафоев Насибҷон Саидакбарович (РМА 045958775) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ба ҳуқуқи моликият супоридани квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 19-уми апрели соли 2024 таҳти феҳрасти №1-1226 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, биноии 144, блоки Б, хонаи 130 ба Назарова Бунафша Қосимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ЭВ №832079 таҳти қайди 675, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон 24-уми июли соли 2002 ба Муҳтоҷов Саймуҳридин Сироҷович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи Д 202022, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2020 ба Муродов Сиёвуш Абдувалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ №0558693, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 30-юми декабри соли 2022 ба Тошев Мақсудҷон Абдуманнонович (РМА 605424669, РЯМ 6030169549) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи хоҷагии деҳқонии инфиродии №0091864, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 25-уми марти соли 2014 ба Ғоибов Қурбон Ҳусайнович (РМА 605652817, РЯМ 6030086004 додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшудаи №0176284, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 24-уми июли соли 2015 ба Ғафуров Умед Раҳмонович (РМА 605644454, РЯМ 6030106418) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи чекии гумшудаи №0104876-0104900-и соҳибкори инфиродӣ Хайруллаев Сунатулло Ҳусейнович (РМА 015224938) эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, хонаи 60 ба Ғаниев Бахтиёр Маҳмадуллоевич ва Абдулҳаева Маърифат Ходжаевна додааст, дар асоси ҳалномаи Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе аз 12-уми декабри соли 2023, эътибор надорад.

✓ Дипломи аълочии гумшудаи силсилаи С № 475977, ки онро Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин 11-уми июли соли 1984 ба Хасанов Холмурод Маматраимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2007 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Оққӯрғон, деҳаи Чимтеппа (ҳоло ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе) ба Ятимов Шаҳбоз додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 28-уми ноябри соли 2019 таҳти феҳрасти №1Ш-1555 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод, хонаи 70, қисми ошёнаи якуми хонаи истиқоматӣ, ҳуҷраи 5 ба Бойматова Муккарам додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2020 ба Ҳоҷизода Умедҷони Давлат додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Стаханов ба Турдиалиева Раймахон Абдуджаббаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №1466906, ки онро МДТ «Мактаб-интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишии ба номи И. Ҳасанов» соли 2022 ба Шодиев Алишер Раҷабалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 10-уми феврали соли 2020 таҳти феҳрасти №1Ш-478 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Навбаҳор ба Мирзоев Саломатшоҳ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи биноии талаботҳои истеҳсолӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Раҳмон Набиев 353, минтақаи саноатӣ, ба Норова ҲикматТоҳировна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Аниса ва Дастан» (РМА 010106280, РЯМ 0110029783), ки онро 20-уми январи соли 2023 Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Омон 75» (РЯМ 6010005100), ки онро 13-уми августи соли 2015 Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази технологияи пешқадами таълим», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо силсилаи Ва №0015897 таҳти рақами қайди ИҶ №945 мебошад ва онро 24-уми июни соли 2008 Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (РМА 030011707) додааст, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳамвам давлатдорона ва волоияти қонун

Садои мардум

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР**
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 17 майи соли 2024, соати 14:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35055 нусха*

Навбатдори шумора Ф. Адулҳакимова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97